# БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

## Шарҳи моҳонаи таваррум•Ноябри 2017

**Раванди тағйирёбии нархҳои истеъмолии дохилӣ дар моҳи ноябри соли равон тавре интизор мерафт, мӯътадил боқӣ монда, сатҳи таварруми моҳона 0,3 фоизро ташкил дод.**

Нишондоди мазкури таваррум асосан дар натиҷаи таъсири омилҳои мавсимӣ, аз ҷумла болоравии мавсимии нархи маҳсулоти алоҳидаи хӯрокворӣ (сабзавот ва мевачот) ва коҳишёбии арзиши хизматрасонии пулакӣ ба вуқӯъ пайваст.

**Сатҳи таварруми солона бошад (дар 12 моҳи охир) ба 6,7 фоиз расид, ки он дар муқоиса ба моҳи қаблӣ ба андозаи 0,3 б.ф. паст фаромада, ба сатҳи нишондиҳандаи дурнамои он барои соли 2017 ва ҳадафи муайяншуда наздик шуд.**

Қайд кардан ба маврид аст, ки ба ин тамоюл мувозинатии нисбии унсурҳои талаботу пешниҳодот, сиёсати зиддитаваррумии монетарӣ ва мӯътадилии вазъи бозори дохилаи асъор мусоидат намуд.

Пуёи тағйирёбии намояи нархҳои истеъмолӣ нишон медиҳад, ки саҳми маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ ва хизматрасониҳо дар таварруми ҳосилшуда тамоюли муқаррарии худро чун давраҳои пешин идома дода, саҳми маҳсулоти хӯрокворӣ, ки аз ҳисоби таъсири назарраси омилҳои мавсимӣ ва таклифотӣ, яъне коҳишёбии истеҳсол ва пешниҳоди нисбатан ками маҳсулоти алоҳидаи хӯрокворӣ дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ вобастагӣ дошт, аз ҳама бештар боқӣ мемонад. Саҳми маҳсулоти хӯрокворӣ дар таварруми солона 4,9 б.ф., маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ 1,0 б.ф. ва хизматрасониҳо 0,8 б.ф.-ро ташкил намуд.

Бонки миллии Тоҷикистон сиёсати пулию қарзии шаффоф ва пайгиронаро амалӣ намуда истодааст, ки он тавассути истифодаи фишангҳои монетарӣ, пеш аз ҳама меъёри бозтамвил ба танзими ҳаҷму арзиши пул ва бартараф намудани таъсири фишорҳои монетарӣ ба сатҳи нархҳо ва ба ин васила ноил гардидан ба ҳадафи мақсадноки таваррум равона мегардад.

**Аз рӯи таҳлилҳо ва дурнамо интизор меравад, ки таваррум то охири соли равон наздик ба ҳадафи нишондиҳандаи мақсадноки Бонки миллии Тоҷикистон барои давраи миёнамуҳлат (7%) ҷамъбаст гардад.**

**Сатҳи таварруми аслӣ,* ки тамоюли дарозмуддати нархҳоро бе таъсири лаппишҳои кӯтоҳмуддат инъикос**

**Таварруми моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории он дар таваррум, бо % солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Дурнамои таварруми солона барои давраи миёнамуҳлат, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



**менамояд, дар моҳи ноябри соли ҷорӣ бо нишондоди 0,2%**[2] **ҷамъбаст гардида, бо арзёбии солона ба 1,6% баробар шуд.** Ба ин раванд муътадил будани сатҳи нархҳои маҳсулоти тайёри хӯрокворӣ (маҳсулоти гӯштӣ, маҳсулоти ширӣ, равғани растанӣ ва ҳайвонот), маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ (маводи шустушӯй ва доруворӣ) ва хизматрасониҳои дар таварруми аслӣ ба ҳисоб гирифташаванда (аз ҷумла, хизматрасониҳои маишӣ) бештар саҳмгузорӣ намуданд.

**Дар пуёи тағйирёбии ғайриаслии таваррум (гурӯҳи нархҳои истеъмолие, ки дар ҳисоби таварруми аслӣ истисно мегарданд) мушоҳида кардан мумкин аст, ки поёнравии нархи бархе аз маҳсулоти хоми хӯрокворӣ дар моҳи ноябри соли ҷорӣ нисбат ба моҳи қаблӣ ба назар расид.** Аз ҷумла, нархҳои маҳсулоти хоми хӯрокворӣ, асосан аз ҳисоби коҳишёбии нархи моҳонаи карам (-14,7% м/м ё 15,1% с/с), сабзӣ (-17,0% м/м ё -1,3% с/с), лиму (-4,2% м/м ё 24,9% с/с) ва шакар (-2,2% м/м ё -6,0% с/с) ба амал омад. Дар баробари ин, вобаста аз таъсири омилҳои мавсимӣ ва таклифот, нархҳои помидор (1,8 маротиб м/м ё 1,8 маротиб с/с), бодиринг (18,8% м/м ё 2,1 маротиб с/с), картошка (3,2% м/м ё 1,7 маротиб с/с), пиёз (8,3% м/м ё 2,1 маротиб с/с) ва ангур (6,4% м/м ё -6,1% с/с) дар моҳи ноябр раванди афзоишёбӣ доштанд.

**Нархи маводи сӯзишворӣ** дар моҳи ноябр раванди коҳишёбӣ дошта (-0,4% м/м ё 19,8% с/с), он дар натиҷаи ба сатҳи мувозинатӣ баргаштани талаботу пешниҳод ба вуқӯъ пайваст.

**Нархи хизматрасониҳои маъмурӣ** бошад, дар моҳи ноябр вобаста аз коҳишёбии нархҳои хизматрасонии нақлиётӣ (-8,1% м/м ё -0,2% с/с) бо нишондоди манфӣ ҷамъбаст гардид (-0,3% м/м ё 0,8% с/с).

**Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ дар самти таъмини сиёсати самарабахши пулию қарзӣ ва ноил гардидан ба сатҳи муътадили нархҳо дар давраи миёнамуҳлат тадбирҳои зарурӣ меандешад.**

**Таварруми аслӣ, бо %, солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таварруми ғайриаслӣ, бо %,солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




[1]- с/с – сол нисбат ба сол (тағйирёбии солона)
[2] - м/м – моҳ нисбат ба моҳ (тағйирёбии моҳона)

**Дар ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон, ки 2 августи соли 2017 баргузор гардид, Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати гузариш аз низоми ҳадафгирии нишондиҳандаҳои монетарӣ ба низоми ҳадафгирии таваррум, нишондиҳандаи мақсадноки таваррумро барои давраи миёнамуҳлат муқаррар ва нашр намуд.*

**- Таварруми аслӣ, ки тамоюли дарозмуддати нархҳоро бе таъсири лаппишҳои кӯтоҳмуддат инъикос менамояд бо мақсади баҳодиҳӣ ва таҳлили ҷараёни доимии тағйирёбии сатҳи нархҳо дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Агентии омор) аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҳисоб карда мешавад. Ҳамчун яке аз қисматҳои таркибии таварруми умумӣ (намояи нархҳои истеъмолӣ) таварруми аслӣ раванди устувор ва дарозмуддати тағйирёбии нархҳоро, ки зери таъсири омилҳои талаботи дохилӣ ва монетарӣ ба вуҷуд омадааст, инъикос менамояд. Усули асосии ҳисоби таварруми аслӣ - усули истисноӣ буда, он бо роҳи хориҷ кардани номгӯи алоҳидаи маҳсулот ва хизматрасониҳои тамоюли тағйирёбии зиёд дошта, ки бо тағйирёбии аслии сатҳи нархҳо алоқаманд нест, ҳисоб карда мешавад. Аз сабади намояи нархҳои истеъмолӣ номгӯи маҳсулоти бо лаппишҳои кӯтоҳмуддат ва гузарандаи аз таъсири омилҳои ғайримонетарӣ вобастабуда, аз ҷумла омилҳои таклифот (нархҳои ҷаҳонӣ, шароити табиӣ), мавсимӣ ва маъмурӣ хориҷ карда мешаванд. Яъне, дар ҳисоби таварруми аслӣ маҳсулоти хоми хӯрокворӣ, маводи сӯзишворӣ ва хизматрасониҳои маъмуран танзимшаванда ба инобат гирифта намешаванд.

| Намояи нархҳои истеъмолӣ | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Вазн,% | тағйирёбии солона,% | | | | | | | | | | | | | Ноябр, тағйирёбии моҳона,% |
| | | 2015 | 2016 | 2017 | | | | | | | | | | | |
| | | | | Январ | Феврал | Март | Апрел | Май | Июн | Июл | Август | Сентябр | Октябр | Ноябр | |
| **Таваррум** | **100,0** | **5,1** | **6,1** | **5,3** | **5,9** | **7,3** | **8,1** | **8,7** | **9,0** | **8,9** | **7,7** | **6,7** | **7,0** | **6,7** | **0,3** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **55,4** | **3,8** | **6,4** | **4,8** | **6,0** | **8,8** | **10,2** | **11,8** | **12,3** | **12,2** | **10,2** | **8,4** | **8,3** | **8,6** | **0,8** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 19,2 | 9,1 | -2,5 | -5,2 | -4,1 | -2,5 | -1,0 | -1,4 | -1,4 | -1,9 | -1,9 | -1,1 | -0,8 | -0,8 | -0,9 |
| Биринҷ | 3,3 | 11,6 | -9,2 | -8,6 | -9,5 | -13,3 | -13,5 | -13,7 | -13,9 | -13,3 | -12,9 | -12,1 | -10,5 | -7,8 | -1,9 |
| Орд | 11,9 | 7,8 | -3,0 | -7,2 | -5,0 | -1,0 | 1,8 | 1,3 | 1,5 | 0,8 | 0,9 | 1,8 | 1,6 | 0,7 | -1,0 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 9,0 | -10,2 | 3,7 | 3,9 | 2,4 | 1,8 | 7,2 | 11,5 | 12,4 | 14,2 | 12,8 | 12,7 | 13,4 | 14,0 | 0,0 |
| Гӯшти гов | 5,9 | -14,3 | 3,2 | 3,5 | 1,2 | 1,3 | 8,3 | 14,2 | 15,1 | 16,9 | 14,7 | 14,4 | 14,9 | 15,8 | 0,3 |
| Тухм | 1,5 | 5,5 | 12,0 | 15,4 | 16,7 | 7,8 | 12,8 | 7,4 | 8,9 | 2,2 | 0,6 | 3,3 | -11,6 | -10,2 | 5,3 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,7 | 7,3 | 0,4 | 2,8 | 3,7 | 5,1 | 3,7 | 2,8 | 4,0 | 3,6 | 4,3 | 4,7 | 2,8 | 5,0 | 2,2 |
| Шир | 0,5 | 16,1 | -7,2 | -1,7 | 3,4 | 5,0 | 0,7 | 0,1 | 4,7 | 3,7 | 4,8 | 6,4 | 1,1 | 8,4 | 6,8 |
| Равғани растанӣ ва ҳайвонот | 5,3 | 12,7 | 11,3 | 6,1 | 5,8 | 6,0 | 6,2 | 5,8 | 5,0 | 4,1 | 4,5 | 5,0 | 3,6 | 4,7 | 0,2 |
| Меваҷот | 4,4 | 12,3 | 16,7 | 16,6 | 12,2 | 4,6 | 0,2 | -1,8 | -6,0 | -13,8 | -8,0 | -8,2 | -4,6 | -5,2 | 1,1 |
| Сабзавот | 7,1 | -12,4 | 16,5 | 18,6 | 30,1 | 58,2 | 57,2 | 73,8 | 79,5 | 77,5 | 58,6 | 43,6 | 48,3 | 49,3 | 5,1 |
| Шакар | 2,1 | 19,3 | 15,0 | 1,0 | 3,4 | 5,2 | 13,6 | 7,3 | 3,9 | 12,5 | 7,8 | 1,3 | -5,8 | -6,0 | -2,2 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,1 | 13,7 | 19,9 | 14,2 | 13,8 | 10,4 | 9,5 | 5,1 | 5,9 | 5,5 | 5,1 | 4,9 | 2,8 | 2,4 | 0,2 |
| **Хӯроки умумӣ*** | **0,9** | **14,9** | **19,9** | **19,9** | **17,9** | **17,9** | **17,9** | **17,9** | **17,9** | **14,3** | **14,3** | **4,9** | **2,5** | **5,7** | **3,7** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **1,5** | **15,9** | **11,8** | **12,2** | **10,0** | **9,1** | **8,6** | **6,2** | **8,1** | **6,7** | **6,8** | **6,9** | **6,7** | **6,6** | **0,0** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **27,4** | **7,9** | **5,7** | **5,2** | **5,0** | **4,4** | **4,6** | **4,0** | **3,9** | **3,8** | **3,8** | **4,4** | **3,9** | **3,7** | **0,4** |
| Либос ва пойафзол | 9,3 | 9,2 | 14,5 | 14,8 | 14,0 | 12,8 | 11,8 | 9,8 | 9,4 | 9,5 | 9,1 | 9,8 | 9,2 | 9,0 | 0,4 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 3,4 | 2,2 | -0,9 | 0,0 | 0,1 | 0,0 | 0,5 | 0,3 | 0,9 | 0,4 | 2,2 | 2,3 | 2,1 | 2,6 | 0,2 |
| Маводи шустушуй | 1,7 | 15,5 | 1,2 | 1,6 | 1,6 | 1,1 | 1,1 | 2,6 | 2,6 | 3,5 | 3,5 | 2,4 | 2,5 | 2,5 | 0,0 |
| Доруворӣ | 2,7 | 24,7 | 14,1 | 12,9 | 7,4 | 3,9 | 3,8 | 4,4 | 4,1 | 4,1 | 3,5 | 3,5 | 3,1 | 0,2 | 0,2 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,1 | -7,0 | 2,9 | -1,1 | 6,8 | 14,7 | 21,5 | 19,1 | 18,4 | 15,6 | 12,6 | 15,4 | 15,9 | 19,8 | -0,4 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,4 | 19,0 | 3,0 | 3,5 | 4,4 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,2 | 1,9 | 4,1 |
| Васоити нақлиёт | 0,7 | -2,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,3 | 7,6 | 7,1 | 6,8 | 5,3 | 5,1 | 5,0 | 5,2 | 5,2 | 6,0 | 8,4 | 11,1 | 8,7 | 8,1 | 0,5 |
| **Хизматрасониҳо** | **14,8** | **2,2** | **4,5** | **5,0** | **5,8** | **6,2** | **6,3** | **5,6** | **6,0** | **5,6** | **5,4** | **5,0** | **8,5** | **5,4** | **-2,3** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,1 | 3,2 | 9,8 | 6,7 | 9,6 | 12,4 | 13,3 | 12,3 | 11,9 | 11,4 | 10,7 | 12,3 | 19,6 | 13,2 | 0,1 |
| Иҷорапулии манзил | 0,1 | 14,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Обтаъминкунӣ ва партовбарорӣ | 0,6 | 20,1 | 5,1 | 6,6 | 9,8 | 7,3 | 7,3 | 7,3 | 7,3 | 7,3 | 7,3 | 7,3 | 4,5 | 9,1 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 2,8 | 0,0 | 28,6 | 16,3 | 16,3 | 16,3 | 16,5 | 16,5 | 16,5 | 16,8 | 16,8 | 16,8 | 33,4 | 14,7 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 14,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 1,0 | -6,3 | -6,6 | -9,4 | 0,9 | 13,5 | 17,5 | 12,3 | 10,8 | 9,0 | 6,5 | 13,3 | 11,3 | 19,3 | -1,9 |
| Нақлиёт | 4,1 | -2,3 | -1,4 | 1,7 | 1,4 | 0,2 | -0,3 | -0,5 | 1,1 | 0,9 | 1,2 | 0,2 | 3,2 | -0,2 | -8,1 |
| Алоқа | 1,8 | 0,8 | 0,0 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 0,0 |
| Маориф | 1,5 | 2,6 | 11,3 | 15,0 | 15,5 | 15,5 | 15,5 | 15,5 | 15,5 | 15,5 | 15,5 | 5,3 | 5,3 | 5,3 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 0,8 | 14,0 | 1,9 | 3,6 | 1,7 | 1,7 | 1,7 | 1,7 | 1,7 | 1,7 | 1,7 | 1,7 | 1,7 | 1,7 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,7 | 12,3 | 5,2 | 5,8 | 5,8 | 6,0 | 6,0 | 3,3 | 2,2 | 2,2 | 2,2 | 2,9 | 2,9 | 2,1 | 0,0 |

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо*